ИСТИҚЛОЛ – НЕЪМАТИ БЕБАҲО

Дар таърихи пурғановати миллати тоҷик рӯзи 9-уми сентябр ҳамчун рӯзи муқаддаси таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар ин рӯз мо ҷашни муқаддаси Истиқлоли давлатиро ҷашн мегирем. Соли равон, ки мо 34-умин солгарди Истиқлоли давлатиро таҷлил менамоем, заминаи амиқи арзишҳои миллӣ, давлатдорӣ ва ваҳдати миллиро таҷассум мекунад. Истиқлол барои халқи тоҷик на танҳо рамзи озодӣ ва худшиносиву худогоҳӣ мебошад, балки неруи таҳрикдиҳандаи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва пойдории фарҳанг ва илми кишвар аст. Истиқлоли давлатӣ неъмати бебаҳоест, ки бо иродаи мардуми сарбаланди тоҷик ва бо раҳнамоии фарзанди фарзонаи миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омад. Ин дастоварди сарнавиштсоз моро соҳибдавлат, соҳибиқбол ва соҳибихтиёр гардонд ва роҳи пешрафту ободии Тоҷикистони азизро боз намуд. Имрӯз, ки мо дар фазои сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ зиндагӣ дорем, хуб дарк мекунем, ки ин дастоварди муқаддас ба осонӣ ба даст наомадааст. Дар оғози роҳи истиқлол кишвари мо бо мушкилоти сангини сиёсиву иқтисодӣ ва ҳатто ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардид. Вале бо азму иродаи қавии мардум, бо раҳбарии оқилонаи Пешвои миллат ва бо фидокории фарзандони бонангу номуси Ватан сулҳу субот дар кишвар барқарор гардид ва Тоҷикистон ба сӯйи созандагӣ ва пешрафт раҳ сипорид. Истиқлол барои миллати тоҷик на танҳо рамзи озодӣ ва худшиносиву худогоҳӣ, балки заминаи воқеии давлатсозии навин гардид. Дар давоми 34 сол мо шоҳиди таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, густариши соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, иқтисод ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳастем. Дастовардҳои имрӯзаи кишвар, аз бунёди муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ то рушди иқтисодӣ, аз таъмини суботи комил то болоравии нуфузи байналмилалии Тоҷикистон, ҳама натиҷаи истиқлолият ва сиёсати дурандешонаи давлату Ҳукумат мебошанд. Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ низ дар ин раванд саҳми худро мегузорад. Мо вазифадорем, ки бо такя ба таҷрибаи таърихии миллат, бо истифода аз дастовардҳои илму техникаи муосир ва бо пайравӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат дар самти такмили сифати таҳсилот, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва рушди илмии соҳа саҳмгузор бошем. Имрӯз мо бояд аз ҳарвақта бештар масъулияти бузурги худро дар назди Ватан эҳсос намоем. Истиқлол танҳо рамзи давлатдорӣ нест, балки такягоҳи устувори ваҳдат, сулҳ, худшиносӣ ва пешрафт мебошад. Ҳифзу

таҳкими он вазифаи муқаддаси ҳар фарди кишвар аст. Бовар дорам, ки ҳар яке аз мо бо меҳнату садоқати хеш барои татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва амалӣ гардидани нақшаву барномаҳои давлативу ҳукуматӣ саҳм мегузорем. Аз фурсат истифода бурда, мехоҳам, тамоми устодон, муҳаққиқон ва кулли ҳамватанонро бо ҷашни муқаддаси миллӣ – Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборакбод менамоям. Орзу дорам, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамеша ободу ором, сарбаланду мунаввар ва пешрафта бошад.

Сироҷиддин Ниёзӣ, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон